Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мубрамияти мавзуи диссертатсионии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар он ифода меёбад, ки тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро ҳамчун рукни асосии давлатдории миллӣ қарор дода, нақши онро дар рушди ҷомеаи муосир яке аз самтҳои асосӣ маҳсуб донистааст. Дар ин зимна бо такя ба таълимоти ниёгон ва бахрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасону ҷавонон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси педагогикаи муосири миллӣ мебошад.

Ин табиист, дар педагогикаи халқӣ расму анъанаҳои миллӣ меъёрҳои устуворгардидаи таърихан ташаккулёфтаи ахлоқӣ, тарзи зиндагӣ ва маишии одамон аст, ки аз наксл ба насл ҳамчун мерос мегузаранд ва ба воситаи афкори ҷамъиятӣ ҳифз карда мешаванд, ки арзишҳоми миллии халқи тоҷик дар он таҷҷасум ёфтаанд ва дар шароити имрӯза ташаккулу такомул ёфта ба дараҷаҳои баланди эҷодӣ расидаанд.

Давлати Тоҷикистон имрӯз бо суръат рӯ ба тараққӣ дода, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро дар самти таълиму тарбияи насли наврас афзоиш дода, шароиту имкониятҳои назаррасро фароҳам овардааст, ки дар ин ҷода наврасон метавонвнд аз шароитҳои мавҷуда самаранок истифода баранд. Ҷиҳати интихоби дуруст ва самаранок истифода карда, тавонистан аз имкониятҳои мавҷуда ба ҷаҳонбинии илмӣ доштани наврасон вобастагии калон дорад.

Аз ин лиҳоз, кайд кардан ба маврид аст, ки интихоби мавзуи диссертатсионии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” бомаврид ва рӯзмара мебошад, зеро дар низоми таълиму тарбия ва афкори педагогии миллии муосир, ки тарбияи шаҳрвандони ояндаро ба зимма гирифтааст, бояд ҳама ҷомеа, аз ҷумла насли наврасро бо арзишҳои моддию маънавӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург шинос созад. Ҳадафи асосӣ тарбияи инсони комил, рушди некӯаҳволии он, муҳайё намудани шароити коркарди механизмҳои муассир ва татбиқи барномаҳои рафтори иҷтимоӣ мебошад.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи зикршуда дар даврони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёде, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”,Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030, ва ғайра қабулу амалӣ гашта истодаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки бо иқдоми бевоситаи сарвари давлат дар соли 2011 қабул гардид, сиёсати давлатиро барои тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон боз ҳам бештар равона намуд.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ба ҷанбаҳои педагогии масъалаи мазкур диққати махсус дода, ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши онро дар осори олимони кишвар: Т.Атохонов, М.Орифӣ, Р.Амиров, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонов, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд ва дар натиҷа таҳқиқотҳои зиёде ба майдон омаданд, ки дар онҳо масъалаҳои асосии инкишофи ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик баррасӣ шуданд. Дар асарҳои М.Лутфуллозода “Педагогикаи шафқат”, “Эҳёи педагогикаи Аҷам”, “Педагогикаи миллии халқи тоҷик”, Х.Афзалов, Б.Раҳимов “Таърихи педагогикаи халқи тоҷик”, Ф.Шарифзода, Ҷ.Файзализода “Ҳикмати афкори педагогии ниёгон”, А.Нуров Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол” Ш.Шарипов “Ғояҳои марифпарваронаи халқи тоҷик”ва дигарон муҳимтарин давраҳои инкишофи педагогикаи тоҷик баррасӣ гардидаанд нишон дода, асоснок намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқи матлаб гузошта шуда муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дараҷаи омӯзиши масаларо ошкор намуда, хусусият ва шароитҳои мусоиди педагогии ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон қарор додааст.

Муҳаққиқ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар рисолаи таҳқиқотии худ сарчашмаҳо аз осори файласуфон, мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, омӯзгорон, равоншиносон ва дигар олимон дар соҳаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, эътиқоди ахлоқӣ, меъёру принсипҳои рафтори шаҳрвандӣ мебошанд. Инчунин, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёд, аз ҷумлаи Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (соли 2017), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон" (соли 2014), Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030, ки дар онҳо гуманизатсияи ҳаёти ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасону ҷавонон масъалаи муҳим маҳсуб меёбад, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додасст, ки метавонанд моҳияти илмии онро пурра ифода намоянд.

Муаллиф дар таҳияи рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву педагогӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқикро дар масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзиш усанҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада бевосита мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Муаллифи фишурдаи рисолаи илмиро дар автореферат ба таври равшану возеҳ нишон дода, дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми рисола, ки, **"Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон",** масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ, таҳлил гардидаанд.

Дар боби дуюми рисола, **«Технологияи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», «Вазъи масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар замони муосир» қайд мегардад, ки масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии наврасон таҳқиқ ва таҳия гардида, хулосаҳои амиқи илмӣ ва далелҳои мушаххас рӯи кор омадааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
и.в.дотсент., номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори Коллеҷи ба номи Х.Махсумоваи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Акрамова М.Ҳ.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 930302208; E-mail: mohakramova@mail.ru

Имзои М.Ҳ. Акрамова-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Коллеҷи ба номи Х.Махсумоваи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Наҷмиддинов Ш.